## Такриз

**ба автореферати Муинӣ Мавсума Муинзода дар мавзуи "Иштироки ҷавонон дар равандҳои дигаргунсозии иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991- 1996)**

Маълум аст, ки таҳқиқу баррасии саҳми ҷавонон дар равандҳои дигаргунсозии иҷтимоиву иқтисодии давлатҳои мухталиф на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои олам аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, зеро тибқи омори мавҷуда дар аксари кишварҳои олам нуфузи аслии аҳолиро ҷавонон ба вуҷуд овардаанд ва бевосита афзалияти шуморавӣ ва таъсиргузориашон дар ҳама бахшҳои хоҷагии халқ омили муҳим барои таваҷҷуҳ ба таҳқиқу баррасии илмии иштирокашон дар пешрафти равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавии ҷомеа мегардад. Аз ин нигоҳ, интихоби мавзӯи мазкур ҳамчун масъалаи меҳварии рисолаи номзадӣ аз ҷониби диссертант Муинӣ Мавсума Муинзода хеле бамаврид буда, аз тозагии муайяни таҳқиқ бархурдор мебошад. Дар назари аввал, мулоҳизаҳои илмии муаллифи рисола, ки дар доираи солҳои 1991-2016, яъне даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон баён шудаанд, аз он дарак медиҳад, ки маводи рисола ҳам асосан нав аст ва бештар ба маълумоту асноди тоза такя намудааст. Муаллиф на танҳо ба маҷмуи ин мавод ва матолиби тоза тарики воситаҳои ахбори умум, бойгонӣ, китобхонаҳо, асноди меъёриву ҳуқуқӣ ва дигар маводи мавҷуд дар ихтиёри ниҳодҳои давлатии марбут ба ҷавонон дар Тоҷикистон дастрасӣ пайдо кардааст, балки бевосита ҳамчун шахси масъул дар раванди татбиқи ин ҳадафу барномаҳо худ ширкат намудааст. Аз ин ҷиҳат, арзиши амалии диссертатсия бо назардошти такя бар таҷрибаҳои кории муаллиф ва доираи васеи дастрасӣ ба маводу матолиб ва омӯзиши онҳо боз ҳам афзудааст.

Ҳарчанд то кунун дар робита ба мавзуи мазкур дар Тоҷикистон аз ҷониби чандин нафар олимони муаррих ва ҷомеашинос тадқиқоти муайяне ба сомон расидаанд, ки дар қисмати муқаддимотии автореферат диссертант ба онҳо ишорат намудааст, аммо ба назар мерасад, ки муҳаққиқ кӯшидааст, ки баробари муайян намудани арзиш ва аҳамияти ҳар яке аз онҳо ва нақши муҳаққиқоне чун В.Набиев, М. Неъматов, А.Абдуллозода, Б. Наср, С. Ашӯров, А. Шамолов ва дигарон мавқеи тадқиқоти хешро дар қиёс ба корҳои мазкур баён дошта, бар ин асос навовариҳои илмии рисолаи хешро муқаррар намуда, таъкид медорад, ки ҳарчанд дар ин таълифот ҷанбаҳои мухталифи саҳми ҷавонон дар раванди дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, аммо мавзуи мазкур ба таври ҷудогона дар як рисолаи алоҳида мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ҳамин тавр, мутолеаи фишурдаи рисола муқаррар менамояд, ки дар тадқиқоти анҷомдодаи диссертант Муинӣ Мавсуфа Муинзода саҳми ҷавонони Тоҷикистон дар татбиқи вазифаҳои стратегии давлат бо такя бар раванди умумии ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар ин кишвар, инчунин саҳми ҷавонон дар рушди хоҷагии зақли Тоҷикистон, иштироки ҷавонон дар бунёди иншооти муҳими аср, чун неругоҳи барқи обии "Роғун", сарҳи арзишманди ҷавонон дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ, чун таъмини тарзи ҳаёти солим, муборизаи ҷавонон бар зидди зуҳуроти номатлуб ва монанди ин бо шеваи матлуби илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, аз маҷмуи баррасиҳои хулосаҳои мушаххаси илмӣ бароварда шудааст.

Бо назардошти он ки диссертатсияи анҷомдодаи Муинӣ Мавсуфа Муинзода як пажӯҳиши тоза дар заминаи таърихи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба шумор меравад, барои боз ҳам боло рафтани арзиши илмии он ду пешниҳод манзур мешавад:

1) Хуб мебуд, ки дар чараёни таҳқиқи мавзуъ баъзе масъалаҳои марбут ба иштироки чавонон дар дигаргунсозиҳои иктисодиву ичтимоӣ дар Точикистон бо ҳамин чанбаи фаъолияти чавонони кишварҳои минтақа, аз чумла, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар муқоиса баррасӣ мешуданд, зеро то чое огоҳем, дар ин чода ҳамкориҳои чавонони кишварҳо тайи солҳои охир хеле назаррас мебошад.
2) Ҳангоми таҳқиқот хуб мебуд, ки ба масъалаи муҳочирати меҳнатии чавонон ҳамчун зуҳуроти ичтимоӣ ва саҳми чавонон дар ҳаллу фасли муаммоҳои марбут ба он низ ба риштаи таҳқиқ кашида мешуд.

Албатта, ин пешниҳодот нуқтаи назари мо ва танҳо ба хотири боз ҳам боло рафтани арзиши илмии рисола манзур гардид ва мо боварии комил дорем, диссертант дар оянда ҳангоми такмили рисола ва анчоми тадкиқоти дигар ба ин масъалаҳо низ ручӯъ хоҳад намуд. Дар умум, диссертатсияи Муинӣ Мавсума Муинзода дар мавзӯи "Иштироки чавонон дар равандҳои дигаргунсозии ичтимоӣ-иктисодии Чумҳурии Точикистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991- 1996) як тадкиқоти тоза, дорои арзиши баланди илмӣ ва чавобгӯ ба шеваҳои нигориши рисолаҳои номзадӣ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ мебошад.

**Комилчон Раҳимов** корманди аршади илмии Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунии Академияи илмҳои Чумҳурии Ӯзбекистон, доктори фалсафа аз рӯйи илмҳои таърих (PhD)

O'r.____________________
Imzosini tasdiqlayman